# ОМОДА НАМУДАНИ ҲУҶҶАТҲО БАРОИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА ЗАМИМАИ ИҶОЗАТНОМА

## 1. *Барои ворид намудани манбаъи афканишоти ионофар (МАИ) нав ба замимаи иљозатнома.*

**Мутобиқи банди 2.5.4. «Қоидаҳои таъминоти бехатарии радиатсионӣ», ташкилоте, ки МАИ кабул намудааст, дар ин бора ба мақомоти назорати давлатӣ дар соҳаи бехатарии радиатсионӣ дар муҳлати 10 рӯз хабар медиҳад. Ҳуҷҷатҳои зарурӣ:**

- **нусхаи фармоиш дар бораи таъин намудани шахси масъул оид ба бехатарии радиатсионӣ ва кормандоне, ки бо МАИ сару кор доранд (гурӯҳҳои А ва Б);**
- **ҳуҷҷати тасдиққунандаи омӯзиш оид ба бехатарии радиатсионӣ;**
- **нақшаи пешакӣ ҳангоми қатъ кардани истифодабарии МАИ;**
- **барномаи бехатарии радиатсионӣ;**
- **маълумоти пурра оид ба МАИ;**
- **нусхаи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи он, ки манбаъҳои истифодашаванда, таҷҳизот барои таъмини бехатарии радиатсионӣ ва дигар дастгоҳҳое, ки метавонанд боиси миқдори иловагӣ доза барои аҳолӣ гарданд, ба меъёрҳои бехатарии радиатсионӣ мувофиқат мекунанд.**

## 2. *Барои хориҷ намудани (МАИ) аз замимаи иҷозатнома.*

**Мутобиқи банди 2.5.2. «Қоидаьҳои таъминоти бехатарии радиатсионӣ», ташкилоте, ки МАИ ба дигар ташкилот супоридааст дар ин бора ба мақомоти танзимгари давлатӣ дар соҳаи бехатарии радиатсионӣ хабар диҳад. Ҳуҷҷатхои зарурӣ:**

- **ҳангоми супоридани МАИ ҳамчун партови радиоактивӣ - нусхаи санади супоридани МАИ ба нуқтаи нигаҳдории муваққатии маддаҳои радиоактивӣ;**
- **ҳангоми ивази найчаи рентгенӣ – нусхаи санади корношоямии найчаи**

**рентгенӣ;**

- **ҳангоми аз сар соқит донистани таҷҳизот бо/бе МАИ – нусхаи санади аз сар соқит кардан ё бартараф кардан ҳамчун амвол.**